Тақриз
ба автореферати диссертатсияи Нодирова Мавзуна Акбаршоевна дар мавзуи «Чеҳраҳои адабию фарҳангӣ дар эҷодиёти Сотим Улуғзода» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ

Дар адабиёти муосири тоҷик пас аз Садриддин Айнӣ Сотим Улуғзода тавонистааст, ки бо осори гаронбаҳои худ дар инъикоси таърих ва адабу фарҳанги тоҷик нақши бориз ва мондагор гузошта бошад.

Автореферати диссертатсияи унвонҷӯ Нодирова Мавзуна Акбаршоевна, ки дар мавзуи «Чеҳраҳои адабию фарҳангӣ дар эҷодиёти Сотим Улуғзода» пешниҳод гардидааст, фишурдаи саҳеҳ ва мукаммал буда, аз рӯйи унвони он маълум аст, ки диссертатсия мавзуи мушаххсаро фаро гирифтааст. Аз рӯйи афтореферат маълум мегардад, ки диссертатсия аз муқаддима, се боб бо фарогири фаслҳо, хулоса ва рӯйхати адабиёт таркиб ёфта, ҳаҷми умумии он 167 саҳифаи чопиро ташкил медиҳад.

Дар қисматҳои аввали автореферат муаллиф мубрамии мавзуъ, дараҷаи таҳқиқи он ва робитаи таҳқиқро бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ баррасӣ намуда, дар тавсифи умумии таҳқиқ мақсади таҳқиқ, вазифаҳои таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ, сарчашмаҳо ва навгонии илмии таҳқиқро нишон додааст. Дар қисмати асосии таҳқиқ муқаддима, бобҳо ва фаслҳои диссертатсия ба таври мухтасар ва мушаххас шарҳу тавзеҳ ёфтаанд.

Боби якуми диссертатсия, ки «Мақоми Сотим Улуғзода дар адабиёти муосир» унвон гирифтааст, аз се фасл таркиб ёфтааст. Фасли якуми боби якум «Вижагиҳои насри Сотим Улуғзода» унвон дошта, дар он баъзе хусусиятҳои ҳунари насрнависии адиб нишон дода шудааст. Фасли дуюми ин боб «Ҳунари портретофарии Сотим Улуғзода» унвон гирифта дар он вижагиҳои портретофарии адиб мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Фасли ниҳоии боби якум «Маҳорати эҷоди муколама дар коргоҳи адабии Сотим Улуғзода» унвон гирифта, муаллиф дар ин фасл ҳунари муколамаофаринии адибро мавриди омӯзиш қарор додааст.

Боби дуюми диссертатсия «Принсипи таърихият дар эҷодиёти Сотим Улуғзода» унвон гирифта, аз се фасл таркиб ёфтааст. Фасли якум «Чеҳраҳои таърихӣ дар повести «Ривояти суғдӣ»» ном дошта, муаллиф дар ин фасл ҳунари қаҳрамонофарӣ ва мавқеи таърихиятро дар осори адиб нишон додааст. Фасли дуюми ин боб «Таърихияти забон ва фарҳанг дар повести «Ривояти суғдӣ»» унвон дошта, дар ин фасл истифодаи таърихияти забон ва фарҳанг дар повести «Ривояти суғдӣ»-и Сотим Улуғзода таҳқиқ шудааст. Фасли сеюми ин боб «Муқоисаи таърихияти забон ва фарҳанг дар «Ривояти суғдӣ», «Фирдавсӣ», «Темурмалик» ва «Восеъ»» номгузорӣ шудааст. Дар ин фасл ҷанбаҳои хосси таърихии асарҳои алоҳидаи Сотим Улуғзода мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст.

Боби сеюми диссертатсия «Вижагиҳои тасвири симоҳои адабию фарҳангӣ дар эҷодиёти Сотим Улуғзода» унвон гирифта аз шаш фасл таркиб ёфтааст. Дар ин қисмат муаллиф мақому мартабаи чеҳраҳои машҳури адабу фарҳанги тоҷикро, аз қабили Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Шивоҷӣ, Абуалӣ ибни Сино, Аҳмади Дониш ва Садриддин Айнӣ дар осори Сотим Улуғзода мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор додааст.

Дар қисмати хулоса муаллиф натиҷаҳои аз тақиқот ба дастомадаро дар 17 банд пешниҳод намудааст.

Диссертатсияи мазкур дар сатҳи хуби илмӣ анҷом ёфта, муаллиф тавонистааст, дар он ба натиҷаҳои илмии назаррас ноил гардад. Бо вуҷуди ин, дар автореферат якчанд камбудӣ ба мушоҳида мерасад, ки боварӣ дорем, унвонҷӯ барои бартараф намудани онҳо дар оянда кӯшиш хоҳад кард:

1. Дар автореферати диссертатсия ниҳоят кам ҳам бошад, баъзан хатоиҳои имлоӣ ба мушоҳида мерасанд. Аз ҷумла, дар саҳифаҳои 3, 5, 15, 18.

2. Баъзе ҷумлаҳо мантиқан хароб буда, ба таҳрири пурра ниёз доранд, аз ҷумла дар саҳифаи 16 дар ҷумлаи зерин ду бор такрор омадани калимаи тасвир мантиқи ҷумларо хароб кардааст:
   “Сотим Улуғзода дар тасвири Шивоҷӣ ӯро инсони содиқ, меҳрубон, якрӯю якдил, муборизи роҳи озодӣ, хизматгори мардум, тарабафзои халқ ба қалам дода, симои ӯро чун шахси намунавӣ, ҳунарашро мояи тарғиб ва пайравию посдорӣ ва қобили омӯзишу тараннум тасвир намудааст”;
3. Дар фишурда гоҳе хатоиҳои техникӣ низ ба назар мерасанд, ки бартараф намудани онҳо бар нафъи кор хоҳад буд, аз ҷумла, дар саҳифаҳои 4, 7.

Дар маҷмуъ фишурдаи рисолаи унвонҷӯ Нодирова Мавзуна Акбаршоевна дар сатҳи олӣ анҷом дода шуда, муаллиф бо натиҷаҳои дилхоҳ пешниҳодҳои ҷолибро ироа намудааст. Аз ин рӯ, фишурдаи рисолаи мазкур барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Муқарриз:

номзади илмҳои филологӣ, муовини сардори раёсати илм ва инноватсияи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон **Ш.Х. Маликшозода**

25.08.2022

Суроғa: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, н. Исмоили Сомонӣ,
кӯчаи Саид Носир, 33
тел: (+992)985 11 84 70
e-mail: becim1991@mail.ru

Имзои Маликшозода Ш.Х.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон **О.О. Бобозода**